**СУРАТҶАЛАСАИ №41**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**аз 15 декабри соли 2023**

**Иштирок кард:** Аз 15 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 14 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Файзализода Ҷ.Х., Юнусова Н.М., Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., аз ҷумла, 2 нафар докторони илм ва 2 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи « Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – иҷтимоӣ» (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи такриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси шурои диссертатсионӣ Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ Иззатова М.И., Котибова Ш.П., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи « Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ – иҷтимоӣ» (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ

(13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сатторов Асрор Қаҳҳорович - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъинтаъин карда шаванд.

3. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

4. Рӯзи ҳимоя 05 марти соли 2024 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, дотсент** **Иматзода Л.М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

*"Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам"*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.